# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. (ш. Душанбе, 2026 – 41 саҳ.).**

Автореферати диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали ба таҳқиқ ва таҳлили яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми ҳуқуқи маданӣ – таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити рушди босуръати муносибатҳои шартномавӣ ва густариши гардиши молу мулк масъалаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ аҳаммияти хосса пайдо мекунад. Воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ҳамчун маҷмӯи механизмҳои ҳуқуқӣ барои кафолати иҷрои шартномаҳо, ҳифзи манфиатҳои кредиторон ва таҳкими суботи муомилоти маданӣ нақши муҳим мебозанд.

Масалаҳои татбиқи меъёрҳои Кодекси мадании ҶТ асосии автореферати диссертатсияи Исмонализода Сайвалиро ташкил медиҳад. Автореферат дар шакли матн дар ҳаҷми 41 саҳифа пешниҳод шудааст. Бояд қайд намуд, ки автореферат аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот (фишурда), хулоса ва тавсияҳое, ки дар он ҷамъбасти мухтасари таҳқиқот дарҷ гардида, инчунин феҳристи интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия иборат мебошад.

Аз нуқтаи назари назариявӣ, омӯзиши моҳият ва табиати ҳуқуқии воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, муайян намудани ҷойгоҳи онҳо дар низоми ҳуқуқи маданӣ, инчунин фарқгузории онҳо аз воситаҳои ҳифзи ҳуқуқ аҳаммияти махсус дорад. Аз ҷиҳати амалӣ бошад, таҳлили татбиқи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилоти марбут ба гарав, замонат, кафолати бонкӣ, ноустуворона ва дигар воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дорои аҳаммияти калидӣ мебошад.

Бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии мавзуъ, таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ ба такмили қонунгузории маданӣ, таҳкими кафолатҳои ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани самаранокии механизмҳои иҷрои уҳдадориҳо мусоидат менамояд. Ҳадафи асосии таҳқиқот таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, ошкор намудани мушкилоти мавҷуда ва пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати такмили қонунгузории амалкунанда мебошад.

Аз омӯзиш ва таҳлили автореферат бармеояд, ки масъалаҳои баррасишуда ба таври мукаммал ва мутобиқ ба талаботи илми ҳуқуқи маданӣ

таҳия гардидаанд, ки ин аз сатҳи баланди касбият ва заҳмати илмии муаллиф шаҳодат медиҳад. Вазифаҳои гузоштаашуда, аз ҷумла муайян намудани мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таҳлили воситаҳои он, баррасии хусусиятҳои гарав, замонат, кафолати бонкӣ ва ноустуворона, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ, дар таҳқиқот пайдарпай ва пурра амалӣ гардидаанд. Муаллиф дар раванди таҳқиқ ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва таҷрибаи илмии ватаниву хориҷӣ такя намуда, хулосаҳои илмӣ ва амалии асоснок пешниҳод намудааст.

Аз пешниҳодҳо ва хулосаҳои дар автореферат манзуршуда бармеояд, ки таҳқиқот дорои мазмуни амиқи илмӣ буда, метавонад ҳамчун манбаи муҳими назариявӣ ва амалӣ барои такмили қонунгузории маданӣ хизмат намояд. Пешниҳодҳои муаллиф оид ба беҳтар намудани танзими ҳуқуқии воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ низ истифода шаванд.

Дар баробари ин, дар таҳқиқот баъзе андешаҳои ҷузъии баҳснок низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, дар нуктаи дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф чунин иброз медорад, ки мақсад ва вазифаи асосии ноустуворона танҳо ҷуброн ва барқарорсозӣ мебошад, на функсияи ҳифозатӣ ва нақши он дар таъмини иҷрои уҳдадорӣ на он қадар равшан аст. Ин нуқтаи назар то андозае баҳснок мебошад, зеро ноустуворона дар ҳуқуқи маданӣ на танҳо воситаи ҷавобгарӣ ва ҷуброн, балки ҳамзамон воситаи таъсиррасонии ҳифозатӣ низ мебошад, ки қарздорро ба иҷрои саривақтии уҳдадорӣ водор месозад. Аз ин рӯ, маҳдуд намудани моҳияти он танҳо ба ҷуброннокӣ ба назари пурраи ҳуқуқии ин институт мувофиқат намекунад.

Эроди зикршуда моҳияти умумии таҳқиқотро коста намегардонад. Сохтори автореферат бо риояи талаботи илмӣ таҳия гардида, ҳамаи қисматҳои заруриро дар бар мегирад, аз ҷумла муқаддима, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо.

Қобили зикр аст, ки муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқшаванда як қатор мақолаҳои илмӣ ба нашр расонида, саҳми худро дар рушди илми ҳуқуқи маданӣ нишон додааст.

Аз андешаҳо ва хулосаҳои дигари дар автореферат пешниҳодшуда маълум мегардад, ки таҳқиқоти мазкур ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳия шуда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок мебошад. Ин таҳқиқот бо пешниҳоди хулосаҳо ва тавсияҳои мушаххас ва дақиқ метавонад ҳамчун манбаи боэътимод ва муфид барои такмил ва ғанӣ гардонидани меъёрҳои Кодекси маданӣ ва

қонунгузории соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо истифода шавад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Исмонализода Сайвали Исмонали ба талаботи банди 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиханда:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, и.в., профессори
кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Меликов У.А.

**Суроға:** 734055,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, к. Ҷаббор Расулов 55/6,
E.mail: m.umrillo@gmail.com
Тел: (+992 237) 234-88-02
Мобилӣ: (+992) 100400879

**Имзои Меликов У.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.: +992 (237) 234-88-02
Сайт: www.iutet.tj
E-mail: dsx_ips@mail.ru

«17» 04 2026